# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзӯи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

аз 04 октябри соли 2025 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ҳайати: Раҳматзода Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор - раиси комиссия; Исмоилов А.А., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент - аъзои комиссия, Раҳимов Ҷ.О., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент - аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Саидзода Қурбоналӣ Саид **хулосаи** зеринро қабул намуд:

1. Мавзӯъ таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзӯи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида ҳисобида мешавад, ки он ба ҳалли масоили афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва амалии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст.

Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон, алалхусус дар заминаи аграрӣ, метавонад ба беҳтар шудани шароити зиндагии аҳолӣ, баланд кардани сатҳи шуғли аҳолӣ, интиқоли технологияҳои нав ва коҳиш ёфтани бекорӣ кӯмак расонад.

Мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ дорои муҳимиятҳои калони иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ мебошад. Зарурати таҳқиқи ин мавзӯъ вобаста ба шароити хоси кишвар ва фазои рушди иқтисодии ҷаҳонӣ ба назар мерасад. Мисоли Тоҷикистон, ки иқтисодиёти он ба бахши аграрӣ вобастагии амиқ дорад, як таҳлили васеи мавзуъро тақозо мекунад.

Соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ як ҷузъи калидӣ барои рушди иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад. Дар Тоҷикистон, ки қисми зиёди аҳолӣ ба кишоварзӣ машғул аст, ташкили соҳибкории истеҳсолӣ дар ин соҳа метавонад бо таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъмини озуқаворӣ, фаровонӣ ва суботи нархҳо, бо ташкили кооперативҳо ва агробизнесҳо дар рушди иқтисодиёти кишвар нақши муассир дошта бошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосан кишвари аграрӣ ба ҳисоб меравад. таҳқиқи нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ метавонад барои рушди тамоми иқтисодиёт кӯмак кунад. Маҳз дар ҳамин соҳа метавон тағйироти ҷиддӣ ва устуворро интизор шуд. Мавзӯи рисола аз ҷиҳати стратегӣ, барои таҳияи сиёсати устувори рушди кишвар ва баланд бардоштани сатҳи тавонмандии соҳаи кишоварзӣ аҳамияти калон дорад.

Соҳибкории истеҳсолӣ метавонад ба ҳалли масоили асосии кишвар, аз ҷумла кам кардани вобастагӣ аз воридоти ғизо, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ  ва таъмини амнияти озуқаворӣ кумак кунад, ки ин ба рушди устувори иқтисодиёт ва баланд бардоштани мизони ҳаёти аҳолӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Таҳқиқи такмили механизми ташкиливу иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии Тоҷикистон муҳим аст, зеро он метавонад як роҳи асосӣ барои рушди устувор, беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ, эҷоди ҷойҳои корӣ ва таъмини таъсироти мусбӣ ба соҳаи кишоварзии кишвар бошад. Дар муҳит ва шароити кунунӣ, ки Тоҷикистон ба он дучор аст, ҳамкорӣ ва рушд додани соҳибкории истеҳсолӣ дар ин бахш зарурати сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии калон дорад.

Аз ин нуқтаи назар, зарурати таҳқиқи соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди кишоварзӣ, муайянсозии омилҳои ташаккулдиҳандаи соҳибкорӣ, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии рушди соҳибкории истеҳсолӣ, муайянсозии самтҳои асосии такмили нақши соҳибкорӣ дар соҳаи аграрӣ мубрамияти мавзуи таҳқиқотии интихобшударо нишон медиҳанд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба итмом расонида шуда, дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи донишгоҳи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни

соли 2021, тахти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз аз 26 июни соли 2023, №295)тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи соҳибкорӣ ба шумор меравад, диссертатсия бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми апрели соли 2023 (№63/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, тахти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 6 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)) дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

6. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

7. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1). Диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ дар мавзӯи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар

мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардидааст, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Аминов Иномҷон - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
- Ҳакимзод Абдураҳмон - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3). Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4). Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
**д.и.и., профессор** **Раҳматзода Р.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**

**н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**

**н.и.и, дотсент** **Раҳимов Ҷ.О.**